# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи номзадии Назар Бохруло дар мавзуи “Қофия ва радиф дар ғазалиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ”, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология, аз рӯи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ пешниҳод шудааст.**

Мавзуи рисолаии илмии Назар Бохруло зери унвони “Қофия ва радиф дар ғазалиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ” аз масъалаҳои муҳими илми адабиётшиносии тоҷик маҳсуб ёфта, иқдоми унвонҷӯйро дар ин ҷода шоиста арзёбӣ кардан меарзад. Нигоҳ ба мақсаду вазифаҳои барои таҳлилии илмии рисола тарҳрезишуда аҳаммияти илмии онро ба таври возеҳ нишон медиҳанд.

Тибқи фишурдаи диссертатсия, он аз муқаддима, се боб, ҳафт фасл, панҷ зерфасл, хулоса ва руйхати мақолаҳои нашршуда иборат буда, муҳтавои асосии мавзӯи таҳқиқшаванда аз ҷониби муаллиф дар ҳар як фасл ба таври мантиқӣ таҳқиқ шудааст. Ин нишон медиҳад, ки рисола аз ҷиҳати шакл ва талабот ба таҳқиқ кори мукаммал аст.

Вобаста ба талабот ба муқаддимаи рисолаҳои илмӣ, қисмати муқаддимаи диссертатсияи мазкур низ масъалаҳои муҳиммияти интихоби мавзуъ, дараҷаи таҳқиқи он, мақсаду вазифаҳои пажуҳиш, бозёфтҳои илмӣ, метод ва методологияи тадқиқоти илмӣ, арзишҳои амалию назарии диссертатсия ва ҳамчунон, масъалаҳои меҳварӣ барои дифоъро дар бар гирифтааст. Бояд зикр кард, ки тамоми қисматҳои муқаддимавии диссертатсия аз ҷиҳати масъалагузорӣ ва муаррифии онҳо дар доираи талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, мантиқан якдигарро тақвият мебахшанд.

Дар боби аввали диссертатсия – “Назариёти Абдурраҳмони Ҷомӣ оид ба нақш ва ҷойгоҳи қофия ва радиф дар шеър” муҳаққиқ асосан андешаҳои Ҷомиро оиди назариёти адабии ӯ ва қофияву радиф «дар заминаи осори манзумаш ва баъдан «Рисолаи қофия»-аш таҳлил ва арзёбӣ» кардааст.

Дар боби дуюми диссертатсия, ки “Қофия ва нақши он дар ғазалиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ” унвон дорад, диссертант асосан масъалаи истифодаи бамавриди қофияро дар ғазалиёти Ҷомӣ ба пажӯҳиш гирифтааст. Аз андешаи муаллиф бармеояд, ки Мавлоно Ҷомӣ аз он шоирони муваффақ ва мубтакир аст, ки ин унсури калидии шеърро дар ғазалиёташ дониставу тавониста ва ба ваҷҳи аҳсант истифода бурдааст. Муаллиф барои исботи андешаҳояш мисолҳои зиёд оварда, таҳлил кардааст ва оид ба нақши қофия дар таҷрибаи Ҷомӣ, хусусан

ғазалҳояш таъкид мекунад, ки: «қофия дар таҷрибаи эҷодии ӯ, пеш аз ҳама, ҳадафҳои ғоявию мундариҷавӣ, ҳиссиву равонӣ, ваҳдати сохторӣ ва шаклсозӣ дошта, андешаҳои шоирро низом бахшидааст.

Боби сеюми диссертатсия таҳти унвони "Радиф ва таҳаввули он дар ғазалиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ" унвон дошта, он аз ду фасл ва панҷ зерфасл иборат аст. Муаллиф дар фаслҳои боби мазкур асосан масъалаи радиф ҳамчун унсури муҳимми шаклсоз ва маъниофар, ки хосси шеъри форсии тоҷикист, ба пажӯҳиш кашидааст. Тавре маълум аст, радиф дар шеър бар тақвияти қофия меояд ва таносуби комилро дар шеър ба вуҷуд меорад, зебоӣ ва моҳияти суханро маъно мебахшад. Муҳаққиқ мавқеъ ва ҷойи радифро дар ғазалҳои Абдурраҳмони Ҷомӣ ба таҳқиқ гирифта, онҳоро ба радифҳои феълӣ, исмӣ, сифатӣ, зарфӣ, масдарӣ, ҷонишинӣ, маъмулӣ ва ғайриодӣ ҷудо кардааст ва ба ин намунаҳо мисолҳои зиёд оварда, ҷузъҳои радифҳоро, ки аз ду ҳисса таркиб ёфтаанд, низ ба таҳқиқ кашидааст.

Автореферати диссертатсияи мавриди назар аз чанд ҷиҳат ҷолиби таваҷҷуҳ буда, пеш аз ҳама, зимни таҳқиқу баррасии мавзуъ ва масъалаҳои асосӣ истиқлоли андешаи муаллиф дар онҳо ба мушоҳида мерасад. Бар замми ин, автореферат аз ҷиҳати шакл ва дарбаргирии муҳтавои асосии диссертатсияи илмӣ ба талабот мувофиқ буда, бо забони хуби илмӣ таҳия гардидааст. Натиҷаҳои асосӣ хулосаҳои таҳқиқ ва тавсияҳои муаллиф дар 6 мақола, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷассум ёфтаанд. Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои нашркардаи Назар Б. мазмуну муҳтавои асосии диссертатсияи ӯро инъикос намудаанд.

Бандубаст ва муҳтавои автореферати мазкур ба талаботи фаннию сохтории кунунӣ ҷавобгӯ буда, дар баробари дастовардҳои зиёд дар автореферат баъзе норасоиҳо низ ба мушоҳида мерасанд. Барои беҳбудии корҳои баъдии пажуҳишии довталаби дараҷаи илмӣ зикри чанд нуктаро зарур мешуморем:

1. Дар муқаддимаи диссертатсия мубрамии мавзуи таҳқиқ ба таври умумӣ баён шудааст, ки он бояд мушаххастар ифода меёфт.

2.Масъалаҳои барои дифоъ пешниҳодшаванда бештар ба хулосаи фаслҳову зерфаслҳо шабоҳат доранд.

3. Дар баробари ин, дар автореферат баъзе ғалатҳои китобат ва имлоӣ ба мушоҳида мерасанд, ки ислоҳи онҳо арзишщи кори муҳаққиқро боз ҳам боло мебарад.

Ба таври умум, камбудиҳои зикргардида асосан хусусияти тавсиявӣ дошта, ҳаргиз арзиш ва аҳамияти илмиву амалии диссертатсияи

муҳаққиқро коҳиш намедиҳанд. Мутолиаи автореферати диссертатсия баёнгари он аст, ки мақсад ва вазифаҳои дар муқаддима кор гузошташуда асосан иҷро гардида, мазмуну муҳтаво ва ҳаҷми он ба талаботи таълифи диссертатсияҳои илмӣ комилан ҷавобгӯ аст.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Назар Бохруло дар мавзуи "Қофия ва радиф дар ғазалиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология, аз рӯи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ пешниҳод шудааст, ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.

**Доктори илми филология,**
**сарходими илмии шуъбаи фолклор**
**ва адабиёти Бадахшони Институти**
**илмҳои гуманитарии ба номи академик**
**Б. Искандарови АМИТ** **Охониёзов В.Д.**

«23» апрели соли 2023

**Суроға: 736000, Ҷумҳурии**
**Тоҷикистон, ВКМБ, ш. Хоруғ,**
**кӯчаи Усмон Холдоров, 4**
**E - mail: shuwoz@mail.ru**
**Тел.: (+992) 935-93-16-93.**

**Имзои Д.В. Охониёзовро тасдиқ мекунам:**

**Сардори шуъбаи кадрҳои Институти**
**илмҳои гуманитарии ба номи академик**
**Б. Искандарови АМИТ** **Наврӯзова Ҳ.Ш.**

**Суроға: 736000, Ҷумҳурии**
**Тоҷикистон, ВКМБ, ш. Хоруғ,**
**кӯчаи Усмон Холдоров, 4**
**E - mail: husniya.navruzova@mail.ru**
**Тел.: (+992) 939-31-31-55.**
«23» апрели соли 2023